# СУРАТМАҶЛИСИ №117
## ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-018

14-уми апрели соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои Шуро 15 нафар

Раиси шуро: Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 7-уми январи соли 2022, №16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5-уми июли соли 2024 №224/шд) тасдиқ гардида, 15 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Аз 15 нафар аъзои Шуро 12 нафар ба таври ҳузурӣ ва 3 нафар ба таври маҷозӣ иштирок доранд.

Пешниҳод гардид, ки ҷаласа гузаронида шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Абдусамадзода Сорбон Мақсад дар мавзӯи «Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Муртазозода Ҷ.С. ва аъзои комиссия Имомзода Н.М., Аминова Ф.М. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Абдусамадзода Сорбон Мақсад дар мавзӯи «Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст. Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Абдусамадзода Сорбон Мақсад дар мавзӯи «Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Абдусамадзода Сорбон Мақсад дар мавзӯи «Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои

дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба сифати муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

Бобозода Ҷамрод Қурбон – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Сидиқов Дилшод Ахророви‌ч – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар – «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 16-уми июни соли 2026, соати 11:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор - 15 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетени беэътибор - нест. **Қарор якдилона ҷонибдорӣ гардид.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор — Азиззода У.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент — Қодиров Н.А.